«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.________
«_10_» ____04_____соли 2023

# ХУЛОСАИ ИЛМИИ
## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» ба диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) дар кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ соли 2003 шуъбаи рӯзонаи факултети соҳибкорӣ ва менеҷменти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизматро (ҳозира - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ)) аз рӯи ихтисоси “Системаҳои ахборотӣ дар иқтисодиёт” хатм намудааст. Рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Социально-экономические аспекты внедрения информационных технологий в сфере высшего профессионального образования Республики Таджикистан) 15 октябри соли 2011 дар Шӯрои диссертатсионии КМ 737.015.01 Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (ДБССТ) дифоъ намудааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун дотсенти кафедраи система ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда, аз фанҳои информатика,

забонҳои барномарезӣ, амсиласозӣ, технологияҳои информатсионӣ, технологияҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт, системаҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт, шабакаҳои компютерӣ, графикаи компютерӣ, технологияи чандрасонаӣ, татбиқи барномаҳои амалӣ дар иқтисодиёт ба донишҷӯёну аспирантон лексияҳо хонда, дарсҳои амаливу лабораториро низ таълим додааст.

**Мушовирони илмӣ** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Комилиён Файзалӣ Саъдулло ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Шаропов Фарҳод Разоқович таъин гардида, диссертатсия дар кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Мубрамият ва аҳаммияти мавзуи диссертатсия.**

Рушди босуръат ва фарогири илми информатика ва оғози иттилоотонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро маъмулан ба охири асри XX рабт медиҳанд. Ин пешравиҳо дар такмили пуршиддати техникаи ҳисоббарор ва васоити телекоммуникатсия, пайдоиши технологияҳои нав ба нави иттилоотӣ ва рушди минбаъдаи технологияҳои мавҷуда, татбиқи бисёрҷонибаи системаҳои иттилоотӣ ва ғайра зоҳир гардидаанд. Иттилоотонӣ инчунин соҳаи иҷтимоӣ – маориф, илм, фарҳанг ва тандурустиро низ фаро гирифтааст.

Тағйирот дар ҷомеаи имрӯза ба масъалаи омодасозии инсон ба зиндагӣ ва меҳнат низ талаботи замонавӣ ба миён гузошт, ки боиси ислоҳоти соҳаи маориф ва ташаккули низоми бисёрсатҳа ва гуногунтобиши омодасозии мутахассисон ба фаъолияти касбӣ гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти глобалии дар ҷомеа рухдодаистодаро қайд намуда, чунин таъкид карданд: «Вақте, ки мо дар бораи таълиму тарбияи насли наврас сухан меронем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳо бояд дар мактабҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир, аз ҷумла компютерҳо таълим дода шаванд».

Дар шароити татбиқи васеъ ва саросарии технологияҳои компютерӣ, мавзуи таҳқиқоти махсуси олимон ва гурӯҳҳои эҷодкори мактабҳои олӣ, инчунин мазмун, мундариҷа, муҳтаво, усулҳо ва воситаҳои рушди соҳаи маориф бояд ҳамчун як низоми пешоҳанг барои ҷомеаи иттилоотии оянда бошанд. Амсилаи муосири низоми миллии таҳсилот бояд бо назардошти мутобиқшавии низоми таҳсилот ба амсилаи рушди устувори тамаддун ташаккул ёбад. Аз ин ҷо, ҳамчун натиҷа проблемаи рушди бартариятноки низоми таълим ба миён меояд, ки бояд талаботи ҷомеаи иттилоотииояндаро қонеъ гардонида тавонад.

Сифати раванди таълим ба масъалаи муҳими стратегӣ ва афзалияти

асосии таъмини рақобатпазирии муассисаҳои таълимӣ табдил ёфта истодааст. Пеш аз ҳама, ин ба низоми таҳсилоти олии касбӣ дахл дорад, ки бевосита метавонад низоми пурраи маорифро бо иқтисоди воқеии кишвар бипайвандад. Аммо, тавре ки таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ гувоҳӣ медиҳанд, то ҳол дар атрофи равишҳо ва системаҳои таъмини сифати таҳсилоти олӣ фаҳмиши ягона вуҷуд надорад.

Равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии дар кишвар ба амал омадаистода мактабҳои олиро водор месозанд, ки фаъолияташонро дар самтҳои таҳқиқоти маркетингӣ, менеҷменти молиявӣ, банақшагирии стратегӣ, таҳсилоти иловагии касбӣ ва ғайра тавсеа ва такмил диҳанд. Ҳамчун натиҷа, таъмини сифати баланди низоми таҳсилоти олӣ ҳоло ба яке аз муҳимтарин ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Мусаллам аст, ки гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот аз муассисаҳои таълимӣ коркард ва истифодаи усулҳои наву фаъоли таълиму тарбия, аз ҷумла, салоҳиятнокии касбӣ, татбиқи васеи технологияҳои муосири иттилоотӣ, коммуникатсонӣ, шабакавӣ ва техникаи замонавии компютериро талаб менамояд. Муассисаҳои таҳсилотиро дар шароити нав зарур аст, ки сатҳу сифати низоми таҳсилот ва хизматрасониҳои таълимиро боло баранд, амсилаҳои сифатан нави омодасозии мутахассисонро таҳия ва ҷорӣ созанд, ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият, тарбияи мутахассисони касбӣ, босалоҳият ва ба бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир аҳамияти хоса диҳанд.

Дар ҳоли ҳозир зарурати такмили стандартҳои давлатии таҳсилот, коркарди нақшаҳо ва барномаҳои нави таълимӣ, таҷдиди назари мазмуну мундариҷаи ихтисосҳо, болобарии фаъолнокии донишҷӯён, татбиқи инноватсия дар омӯзиш, идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва пайвастани илму дониш бо истеҳсолот масъалаҳои бебаҳс эътироф гардидаанд. Амалишавии ин тадбирҳо метавонад низоми маорифи мамлакат, алалхусус мактабҳои олии кишварро ба фазои таҳсилоти ягонаи ҷаҳонӣ ҳарчи зудтар ворид созанд. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ низ ба ҳалли масъалаҳои зикршуда вобаста мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқи сатҳи илман азхудшудаи масъалаи ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи маориф ошкор карда шуд, ки стратегияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур асосан аз навсозии низоми таҳсилоти касбӣ иборат буда, таъмини баландсифати хизматрасониҳои таълимиро тибқи талаботи шахс, ҷомеа ва давлат тақозо дорад. Идоракунии сифат бояд ҳамчун маҷмуи сохторҳои шаклӣ, усулӣ, технологӣ ва захиравии таълимӣ баррасӣ шавад, ки зимни татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи сифати таҳсилот тавассути чораҳои банақшагирӣ, идоракунӣ, таъминкунӣ ва беҳтаргардонии сифат амалӣ карда мешавад.

Идоракунии босамари сифати хизматрасониҳои таълимиро бар пояи татбиқи механизмҳои махсуси идоракунӣ ба роҳ мондан мумкин аст, ки он

ҳамчун низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ (минбаъд – НИСХТ) дар муассисаҳои таҳсилотӣ тавсия дода мешавад. Маҳз таҳия ва татбиқи НИСХТ муассисаи таълимии мутобиқ ба талаботҳои менеҷменти муосир ва ташкили низоми таъминоти иттилоотии он, ки бо зудҳаракатӣ, чандирӣ ва самаранокии таҳлилу коркарди иттилоот ва имконоти амсиласозию пешгӯии сифат муҷаҳҳаз мебошад, самтҳои асосии такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимиро дар мактабҳои олӣ ташкил медиҳанд.

Ташаккули тасаввуроти муосир дар бораи принсипҳо ва равишҳои хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва идоракунии сифати онҳо бо номи муҳаққиқони машҳури ҷаҳон У. Шухарт, А. Фейгенбаум, Э. Деминг, Д. Дюран, Ф. Кросби, К. Исикава, Г. Тагути, Д. Харрингтон, Т. Конти ва дигарон алоқаманд аст.

Дар таҳияи назария ва амалияи идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ саҳми олимони намоёни рус П.Л. Чебишев, А.М. Ляпунов, И.Г. Венетский, А.М. Длин, А.Н. Колмогоров, А.И. Субетто, А.В. Гличев, В.Г. Версан, В.Ю. Огвоздин, Н.В. Войтоловский, В.В. Окрепилов, Б.В. Бойтсов, Ю.П. Адлер, С.Д. Илинков ва дигар муҳаққиқон ниҳоят калон аст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба равишҳои гуногуни назариявӣ-методологии зерин такя мекунанд:

- назарияи иттилоот: R.W.L. Hertley (Р.В.Л. Ҳертли), T. Stewart (Т. Стюарт), S. Barckley (С. Баркли), P. Drucker (П. Дракер), M. Porter (М. Портер), D.E Seichel (Д.Е. Сайчел), T. Forester (Т. Форестер) ва дигарон;
- назарияи ҷомеаи иттилоотӣ: О. Тоффлер, Т. Стоунер, Д. Белл, Й. Масуда, З. Бжезинский, Д. Рисман, А. Турен ва дигарон;
- назарияи коммуникатсияи ҷомеаи иттилоотӣ: М. Кастелс, Д. Барлоу, М. Маклюэн, Ҷ. Бодриллард, Ч. Келли, С. Теркл, С. Бюкэтмен, Т. Нелсон ва дигарон;
- назарияи балоиҳагирии иҷтимоии Н. Луман;
- маводҳо ва санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ: консепсияҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, лоиҳаҳои иттилоотонии соҳаи таҳсилот, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳо, воситаҳои таълимӣ ва ғайра.

Заминаи назариявии мазкур бо назардошти унсурҳои таҳлили иқтисодӣ, сотсиологӣ, психологӣ, фарҳангӣ ва фалсафӣ дар равишҳои байнисоҳавии идоракунии сифат истифода бурда мешавад.

Кӯшишҳои олимони тоҷики соҳаҳои иқтисодиёт, информатика ва педагогика З.Ҷ. Усмонов, Ф.С. Комилиён, Ф. Мирзоахмедов, М.Қ. Юнусӣ, Ғ.Ҷ. Ҷӯрабоев, Ҳ.А. Одинаев, Р.К. Раҷабов, Ҳ.Н. Фақеров, Ш.М. Раҳимзода, А.Л. Қодиров, С.Ҷ. Комилов, С. Ҳабибов, М.Қ. Файзуллозода, Ф.Р. Шаропов, И.Х. Каримова, Ф.Ф. Шарипов, Б.Ф. Файзализода, А.Р. Мирзоев, Р.Ҷ. Давлатов, Ш.Х. Тағоев ва дигарон дар ҷустуҷӯи роҳҳои такмили низоми маорифи мамлакат, дарки табиати иҷтимоии таҳсилоти олии касбӣ, беҳдошти сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ, рушд ва татбиқи хизматрасониҳои электронӣ,

омодосозии омӯзгорону мутахассисон барои компютерикунонии равандҳои таълиму тарбия ва истифодаи васеи технологияҳои иттилоотии муосир дар раванди таълим ва бунёди асосҳои методологии он хеле назаррасанд.

Дар айни ҳол, ба сершуморӣ, муҳимият ва гуногунсамтии асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ нигоҳ накарда, дар шароити кунунӣ як зумра ҷанбаҳои мушкилоти идоракунии низоми хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва беҳдошти сифати идоракунии онҳо бо истифода аз усулҳои ҳозиразамон амиқу пурра таҳқиқ ва ҳал карда нашудаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи роҳҳои татбиқ ва беҳдошти самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии таҳсилот дар мактаби олӣ низ хеле муҳим арзёбӣ карда мешаванд.

Илова бар ин, вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавии низоми таҳсилот ва зарурати баҳисобгирии хусусиятҳои низоми миллии маориф дар онҳо арзёбии нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар пешбурд ва такомули низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ хеле муҳим дониста мешавад. Ҷанбаҳои алоҳидаи мушкилоти хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва такмили низоми идоракунии сифати онҳо низ ба таҳқиқоти иловагӣ ниёз доранд.

**Фарқи асосии таҳқиқоти мазкур** аз таҳқиқотҳои дигар олимон дар он зоҳир гаштааст, ки дар ин ҷо таваҷҷуҳ маҳз ба нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар беҳдошти сифати идоракунии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудааст. Ҷанбаҳои илмӣ ва методологии ин таҳқиқот дар мақолаҳои илмии зерини банашррасида инъикос ёфтаанд: «Таъминоти иттилоотии раванди идоракунии худкори фаъолияти кафедра» (2005), «Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар рушди соҳибкорӣ» (2006), «Баъзе ҷанбаҳои татбиқи технологияҳои иттилоотии идоракунии муосир дар низоми маориф» (2008), «Амсиласозии технологияи иттилоотию коммуникатсионии омодасозии мутахассисони баландихтисос» (2010), «Татбиқи ТИ дар раванди таълим – асоси такмили омодасозии мутахассисони баландихтисос» (2010), «Низоми идоракунии раванди таълим дар заминаи технологияҳои иттилоотии муосир» (2010), «Вазъи муосири истифодаи технологияҳои муосир дар фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» (2011), «Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ» (2011), «Технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2012), «Асосҳои назариявӣ ва иқтисодии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ» (2014), «Технологияи бозии чандрасонаии педагогӣ – бозии маърифатгарои муҳити таълимии маҷозӣ» (2016), «Сифати хизматрасониҳои таълимӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва объекти идоракунӣ» (2016), «Технологияҳои компютерӣ» (2016), «Технологияҳои тарҳрезии системаҳои иттилоотӣ» (2016), Шабакаҳои компютерӣ ва сомонасозӣ» (2016), «Татбиқи системаҳои идоракунии автоматии муассисаҳои таълимӣ» (2017), «Муносибати системавӣ ба оптимизатсияи идоракунии муассисаи таълимӣ» (2017), «Мушкилоти

иҷтимоию иқтисодии раванди иттилоотонӣ дар низоми маориф» (2020), «Оқибатҳои иҷтимоии ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеаи муосир ва равандҳои иҷтимоию иқтисодии низоми таҳсилот» (2020), «Самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: ҳолати муосир, беҳдошти усулҳои истифода» (2020) ва ғайра.

Ҳамин тариқ, сатҳи нокифояи коркарди равишҳои консептуалӣ ва методологии идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотии ба истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ки метавонанд ба беҳдошти низоми идоракунии таҳсилоти олии касбӣ таъсиргузор бошанд, интихоби мавзуи таҳқиқот, гузориши мақсадҳо ва таҳияи вазифаҳои ассосии диссертатсияро муайян ва асоснок кардаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқотӣ диссертатсионӣ, ки фарогири хусусиятҳои миллии раванди иттилоотонии низоми таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар мебошад, ба муайян кардани вобастагии байни сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бахшида шуда, бо «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017», «Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Барномаи давлатии тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2016-2020», «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Барномаи татбиқи консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2012» ҳамоҳанг буда, тибқи «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (иқтисодиёт: иттилоотонӣ, ҳукумати электронӣ ва иқтисоди рақамӣ; маориф: ташаккули низоми самараноки тайёр кардани кадрҳои ба рушди неруи инсонӣ, ҷомеа, давлат ва иқтисодиёт мусоидаткунанда ва рақобатпазир дар сатҳи ҷаҳонӣ), ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, омода гардидааст. Хулосаҳо, усулу равишҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд ҳамчун афзори методии таҳлили мушкилоти рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ, воситаи боэътимод барои қабули қарорҳои идоракунӣ, пешгӯии дурнамо ва танзими рушди низоми мазкур истифода шуда, сиёсати давлатиро дар самти таъминоти иттилоотии низоми идоракунии сифати таҳсилот ҳамоҳанг созанд.

**Тавсифи умумии таҳқиқот.** Мубрамии мавзуи таҳқиқоти

диссертатсионӣ ва дараҷаи коркардшудаи проблемаи илмӣ роҷеъ ба идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба муайян кардани мақсад, вазифаҳо, усулу равишҳо, объект, мавзуъ, фарзия, асосҳои назариявӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи иттилоотӣ ва озмоишӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, сатҳи эътимоднокии натиҷаҳо ва дигар ҷабҳаҳои таҳқиқот мусоидат намуд.

**Мақсади таҳқиқот** аз такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар соҳаи маориф ва пешниҳодоти тавсияҳои мушаххас оид ба асосноккунии самтҳои асосии беҳдошти сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ бар пояи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** тибқи мавзуъ ва мақсади таҳқиқот муайян шуда, зарурати ҷорисозии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили таъминкунанда ва болобарандаи рақобатпазирии хатмкунандагони онҳо ва худи мактабҳои олӣ арзёбӣ мекунанд.

Мутобиқи мақсади таҳқиқот дар диссертатсия ***масъалаҳои зерин*** ҳал карда шудаанд:

– таҳқиқи асосҳои илмию назариявии рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ;

– таҳқиқи категорияи «сифати хизматрасониҳои таълимӣ» (СХТ) аз нуқтаи назари иқтисодӣ, муайянкунии принсипҳо, заминаҳо ва механизмҳои ташаккули низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ;

– дақиқ сохтани зарурат, хусусиятҳои умумӣ ва марҳилаҳои асосии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ;

– таҳқиқи ҷанбаҳои методологии идоракунии умумии сифат (TQM) дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ, таснифи омилҳои ба низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ таъсиррасон;

– ошкорсозии тамоюлҳои рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ ва самтҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Тоҷикистон;

– таҳлил ва арзёбии ваъзи муосири сатҳу сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;

– таҳияи амсилаҳои консептуалии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади рушд додани низоми таҳсилоти мазкур дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– пешниҳоди алгоритмҳои амалисозандаи марҳилаҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– роҳҳои такмилдиҳӣ ва самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ;

– коркарди тавсияҳои методӣ ва умумӣ оид ба татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ дар шароити мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ.

Дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аз *усулҳои таҳқиқотии* таҳлили системавӣ, хулосабарории илмӣ, арзёбиҳои экспертӣ, таснифӣ, мушоҳидавӣ, муқоисавӣ, назарсанҷӣ, мухтавоӣ, мусоҳибавӣ, пурсишҳои коршиносӣ ва дар раванди асосноккунии муқаррароти назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо аз афзору воситаҳои сохторию функсионалӣ, субъектию объектӣ, усулҳои маърифатии иқтисодию оморӣ ва сотсиологӣ истифода шудаанд.

**Объекти таҳқиқот** низоми идоракунии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки дар раванди ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар мактабҳои олӣ ва беҳдошти сифати онҳо бар пояи технологияҳои иттилоотӣ ба миён омадаанд.

**Фарзияи таҳқиқот** равишҳои имконпазири ба мақсади таҳқиқот ноил шуданро роҳандозӣ намуда, дар он зоҳир мегардад, ки низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии кишвар дар ҳолате рушд карда метавонад, ки агар:

- инфрасохтори мактабҳои олии мамлакат бо технологияҳои навтарини иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла технологияҳои чандрасонаӣ ва шабакавӣ (Интернет) пурра таъмин карда шаванд;
- салоҳиятнокии истеъмолкунандагони асосии хизматрасониҳои таҳсилотӣ (донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон, унвонҷӯён, омӯзгорон, кормандони илмӣ ва ғайра) дар амалисозии равандҳои таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва идоракунии сифати онҳо бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ дар сатҳи баланд таъмин карда шавад;
- самаранокӣ ва сифати фаъолияти касбии омӯзгорон ва дигар кормандони мактабҳои олӣ дар ташкил ва таъмини хизматрасониҳои таҳсилотӣ баланд бардошта шуда, сарфи вақти донишҷӯён барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва корҳои мустақилона бо истифода аз махзанҳои иттилооти таълимӣ коҳиш дода шавад.

Тавсеаи истифодаи комилан пурра ва ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба гурӯҳи омилҳое шомил карда шавад, ки метавонанд дар баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои таҳсилотӣ нақши муассир дошта бошанд. Болоравии босуръати истифодаи технологияҳои

иттилоотию коммуникатсионии муосир дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ болоравии ҳамешагӣ ва дастрасии озоду кушодаро ба иттилоот ва таҳсилот мусоидат ва пайгирӣ мекунанд.

**Давраҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба шаш марҳилаи зерин тақсим карда шудаанд:

– солҳои 2004-2005 – ошкорсозии дараҷаи ҳазми мавзуи илмӣ ва масъалаҳои таҳқиқотӣ, коркарди дастгоҳи илмии таҳқиқот, дақиқсозии мафҳумҳои «сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ» ва «низоми идоракунии сифат», таҳияи амсилаи назариявӣ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ (НИСХТ);

– солҳои 2005-2006 – омӯзиши ҳолати ибтидоии истифодаи технологияҳои информатсионӣ (ТИ) дар раванди таълими мактаби олӣ, такмили амсилаи назариявии НИСХТ;

– солҳои 2006-2009 – санҷиши расмии тарзи амалкарди амсилаи назариявии НИСХТ дар Донишгоҳи байналмилалӣ, сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои аниқкунии самаранокии он, коркарди маълумоти бадастомада, шарҳу тафсири он дар асоси таҳлил ва умумигардонии иттилоот;

– солҳои 2009-2011 – хулосабарорӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои мобайнии татбиқи амсилаи таҳияшуда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ;

– солҳои 2012-2018 – идомаи таҳқиқоти илмӣ, санҷиши расмии тарзи кори амсилаи такмилёфтаи назариявии НИСХТ дар ДДТТ, ДТТ, ДДМИТ ва ДБССТ барои дақиқсозии самаранокии он, коркарди иттилоот, шарҳу тафсири он дар асоси таҳлил ва умумигардонӣ, нашри мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва дастуру воситаҳои таълимӣ;

– солҳои 2019-2021 – мураттабсозӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии татбиқи амсилаи назариявии таҳияшуда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии таҷрибавӣ, таҳияи тавсияҳо ва хулосаҳои умумии таҳқиқот, барасмиятдарории натиҷаҳои ҳосилшуда дар шакли кори диссертатсионӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** назарияи муосири иқтисод, асарҳои илмии олимони соҳаҳои гуногун (иқтисодиёт, сотсиология, психология, фарҳангшиносӣ, фалсафа ва ғайра), ки ба ташаккули тасаввуроти муосир дар бораи принсипҳо, ҷанбаҳои алоҳида ва равишҳои гуногуни хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва идоракунии сифати онҳо бахшида шудаанд, ташкил додаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** асарҳои илмию таҳқиқотии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷии соҳаҳои иқтисодиёт, информатика ва педагогика оид ба назария ва амалияи идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ, маводҳо ва санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ (консепсияҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, барномаҳо ва лоиҳаҳои иттилоотонии соҳаи таҳсилот), ки ба идоракунии низоми хизматрасониҳои таҳсилотӣ бахшида шудаанд, ташкил додаанд.

Дар раванди таҳқиқот ба сифати сарчашмаҳои маълумот (иттилоот)

маҷмуи донишҳои умумибашарии мавҷуда оид ба назария ва амалияи хизматрасониҳои таҳсилотӣ, иттилооти миқдории тибқи шаклҳои махсус ва дар ҳаҷми муқарраршуда аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сифати хизматрасониҳои таълимии низоми таҳсилоти олии касбӣ ва татбиқи техникаи компютерию технологияҳои иттилоотии ба таври системавӣ банашррасида, иттилооти истеҳсолии бақайдгирифташудаи соҳаи маориф оид ба амалиёти гуногуни таълимӣ, молиявӣ, хоҷагидорӣ, технологӣ ва ғайра хизмат намудаанд. Сарчашмаҳои мазкур дар коркарди мушкилоти асосии таҳқиқот ва гирдоварии иттилоот зимни таҳияи махзани маълумот роҷеъ ба такмили низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** далелҳо ва маълумоти соҳавӣ, натиҷаҳои назарсанҷиҳо, формулаҳои эмпирикии якпараметраи Г. Раша ва бисёрпараметраи А. Бирнбаум (роҷеъ ба раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба низоми тестии компютерӣ), иттилооти оморӣ, ки аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳҳои таҷрибавӣ ва дигар сарчашмаҳои расмӣ дастрас шудаанд, инчунин маводҳои илмии муътамаде ташкил додаанд, ки бар пояи онҳо баргузории мушоҳидаҳо, таҷрибаҳо, озмоишҳо, таҳлилҳо ва хулосабарориҳо амалӣ гардонида шуда, таҳияи фарзияи таҳқиқот, коркарди алгоритмҳо, нақшаҳо ва амсилаҳои консептуалӣ оид ба ташаккул, такмил, рушд ва идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии кишвар роҳандозӣ гардонида шудаанд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** чор муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ДДТТ), Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ) ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ) ташкил додаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои асосии диссертатсия дар истеҳсолоти низоми таҳсилотии донишгоҳҳои мазкур дар замимаҳои 1-4 оварда шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

1. Ҷанбаҳои (муқаррароти) назариявӣ оид ба ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун заминаи беҳдошти сифати таълими муназзам дар мактаби олӣ бар пояи ҳамгироии зичи сифати низоми таҳсилот, равандҳои таълимӣ ва натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ бо назардошти истифодабарии васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсади таъмини сатҳи баланди рақобатпазирии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ аниқ карда шудаанд.

2. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи назария ва амалияи муосири раванди ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таҳсилотӣ бори нахуст дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон тамоилҳои рушд ва самтҳои такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар шакли мукаммал муайян карда шуда, афзорҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ, таҳқиқӣ ва идоракуние, ки татбиқи

афзалиятноки механизмҳои таъмини сифати хизматрасониҳои таълимиро дар асоси худтанзимкунӣ кафолат медиҳанд, тахия карда шудаанд.

3. Дар асоси таҳлили вазъи кунунии соҳаи маориф дар Тоҷикистон:

– ба ҳолати имрӯза ва тамоилҳои рушди соҳа аз лиҳози иттилоотонии васеи он ва беҳдошти сатҳи рақобатпазирии хизматрасониҳои таҳсилотӣ баҳои комплексӣ дода шудааст;

– тамоилҳои асосии рушди хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар донишгоҳҳои кишвар ва вазифаҳои асосии раванди иттилоотонии васеи соҳаи таҳсилот ҳамчун раванди ҳамгирой ва пайванди ҷузъҳои таркибии низоми ягонаи таълимӣ-методӣ-техникӣ-технологӣ-кадрии муассисаҳои таҳсилотӣ ошкор карда шудаанд;

– номувофиқатии байни сатҳи технологияҳои таълимӣ ва натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва вобастагии ҷиддии сатҳи самаранокии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ аз дараҷаи пайванди имкониятҳои ТИК бо нерӯи илмӣ-педагогии муассисаи таҳсилотӣ муайян карда шудаанд.

4. Сатҳи сифати раванди таҳсилот аз лиҳози ҳамгироии унсурҳои натиҷаҳо, сифат ва самаранокии таҳсилот, таъсири маҷмуи омилҳои беруна ва дохилӣ ва зарурати ташаккулёбии бозори мукаммали хизматрасониҳои таҳсилотии электронӣ бо назардошти мавқеи иштирокчиёни асосии раванди таълим арзёбӣ карда шудааст.

5. Дар натиҷаи таҳлили бахши хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ:

– амсилаи равандҳои асосии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ (идоракунӣ, таълимӣ, иловагӣ) ва қисматҳои таркибии он бо назардошти андозаи талаботи мизоҷон ва сатҳи қонеъгардонии онҳо таҳия карда шудааст;

– гурӯҳҳои асосии равандҳои бо ҳам алоқаманди хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва қисматҳои таркибии онҳо бо мақсади татбиқи рисолат, шаклгирии ҳадафҳои асосӣ ва сохтори ташкилии низоми таҳсилоти олӣ ҷудо карда шудаанд;

– афзалиятҳои асосии усули равандгарои идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҷудо карда шуда, самараҳои мултипликативии ҷорисозӣ ва татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аниқ карда шудаанд.

6. Зарурати мутобиқсозии принсипҳо ва усулҳои низоми «идоракунии умумии сифат» (total quality management – TQM) ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар бозори дохилӣ аз рӯи меъёрҳои банақшагирии сифат, барқарорсозии робитаҳои сифат, назорати сифат ва такмили параметрҳои сифат бо пешниҳоди хусусиятҳои бештар умумии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва меъёрҳои (талаботҳои) интизории иҷрокунандагон ва истеъмолкунандагони онҳо асоснок карда шудааст.

7. Нақшаи намунавии инфрасохтори иттилоотии шабакаи компютерии

маҳаллии донишгоҳӣ бар пояи таъсиси маркази махсуси технологияҳои иттилоотӣ ва бунёди маҷмуи синфхонаҳои компютерии махсусгардонидашудаи бисёрфунксионалӣ бо андозагириҳои худкори нишондиҳандаҳои сифати раванди таҳсилот пешниҳод карда шудааст.

8. Бар пояи амсилаҳои якпараметра (Г. Раша) ва бисёрпараметра (А. Бирнбаум) алгоритми раванди мутобиқшавии донишҷӯ ба тартиби тестии компютерӣ бо аниқсозии расмиёти татбиқи он таҳия карда шуда, сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷуён ва душвории дарки супоришҳои тестӣ баҳогузорӣ карда шудаанд.

9. Самтҳои асосии беҳдошти сатҳи сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳолатҳои зерин асоснок карда шудаанд:

– такмили сохтори идоракунии низоми таҳсилот дар мактабҳои олӣ дар пояи оқилона гардонидани усулҳои (нақшаҳои) истифодабарии захираҳои иттилоотӣ имконият медиҳад, ки сатҳи иттилоотонии соҳа ва самаранокии пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар ҳамаи зинаҳо (сатҳҳо) максималӣ гардонида шаванд;

– амсилаи оптимизатсионии истифодабарии захираҳои иттилоотӣ бар пояи пешниҳоди вариантҳои рушди соҳаи таҳсилот ва ҳисоббарориҳои дурнамои рушди соҳаи хизматрасонии таҳсилотӣ барои давраи то соли 2025 таҳия карда шудааст;

– самаранокии иқтисодии татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи беҳдошти хизматрасониҳои таҳсилотӣ муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии ташаккулёбии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ.

2. Самтҳои асосии беҳдошти самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

3. Хусусиятҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ.

4. Равишҳои идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ.

5. Афзорҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва идоракуние, ки татбиқи афзалиятноки механизми таъмини сифати хизматрасониҳои таълимиро дар асоси худтанзимкунӣ кафолат медиҳанд.

6. Амсилаи консептуалии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотие дар пояи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд.

7. Алгоритмҳои амалисозандаи марҳилаҳои татбиқи низоми

идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

8. Самаранокии идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ тавассути автоматикунонии равандҳои ташаккул ва арзёбии параметрҳои идоракунии амсилаҳои консептуалии иттилоотию таълимӣ.

9. Тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурӣ тибқи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он аст, ки:

- асосҳои назариявии идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба низом дароварда шуда, рушди минбаъдаи худро дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пайдо намудаанд;
- як қатор хусусиятҳои раванди иттилоотонии низоми таҳсилоти олии касбӣ ба хотири баррасии таҳлили ҷанбаҳои назариявии раванди мазкур ва муайянсозии оқибатҳои манфӣ ва мусбати пайомадҳои он ошкор карда шудаанд;
- барои низоми таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ байни сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ вобастагии ногусастанӣ муқаррар карда шудааст;
- муқаррарот ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот метавонанд дар таҳия ва такмили барномаҳои курсҳои асосӣ ва махсуси таълимии «Назарияи иқтисод», «Менеҷмент», «Идоракунии сифати маҳсулот», «Иқтисоди бахши ҷамъиятӣ», «Иқтисодиёти маориф», «Амсиласозии равандҳои иқтисодӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ», «Таҳлили компютерии фаъолияти корхонаҳо», «Автоматикунонии фаъолияти корхонаю муассисаҳо», «Информатикаи иқтисодӣ» ва ғайра ҳамчун заминаи назариявӣ хизмат кунанд;
- аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои назариявӣ, усулҳо, равишҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун афзори методии таҳлили мушкилоти рушди соҳаи маориф, воситаи пешгӯӣ ва танзими рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ истифода шуда, сиёсати давлатиро бо таъминоти иттилоотии идоракунии сифати таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳанг созанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди такмили усулҳо ва принсипҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотонӣ дар кишвар, асосноккунӣ ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои қабулшавандаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун тавсияҳои методӣ хизмат намоянд. Аз онҳо, инчунин, дар таҳияи минбаъдаи принсипҳои танзими фаъолияти системаҳои иттилоотии идоракунии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бар асоси методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, принсипҳои амсиласозӣ ва бо такя ба маҷмуи усулҳои назариявӣ ва эмпирикии мутобиқ ба

мавзуъ, ҳадаф ва масъалаҳои таҳқиқот пойбарҷо мебошад. Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта зимни арзёбии шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, назарсанҷиҳо, таҷрибаҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва вебинарҳо, тасдиқи нуктаҳои дар фарзия пешниҳодшуда, омезиши комплексии усулҳои мувофиқ ба масъалаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ва нашри маводи илмии таҳқиқот муайян карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд:

*а) аз рӯи ихтисоси 08.00.00* – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт):

1.2.Назария ва методологияи амсиласозии иқтисодию математикӣ, таҳқиқи имкониятҳо ва татбиқи онҳо: назария ва методологияи ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва низомҳо дар намуди амсилаҳои математикӣ, иттилоотӣ ва компютерӣ.

1.4. Таҳия ва таҳқиқи амсилаҳо ва методҳои математикии таҳлили равандҳо ва низомҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои хоҷагии халқ, фирмаҳо ва корхонаҳо, хоҷагиҳо, бозор, механизмҳои ташаккули талабот ва истеъмол, роҳҳои арзёбии миқдории хавфи соҳибкорӣ ва аосноккунии хулосаҳои инвеститсионӣ.

1.9. Таҳия ва рушди методҳо ва амсилаҳои математикии таҳлил ва пешбинии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷараёнҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҷараёнҳои демографӣ, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, сифати зиндагии аҳолӣ ва ғ.

2.1. Рушди назария, методология ва амалияи омӯзиши компютерӣ дар таҳқиқи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва идоракунӣ.

2.5. Таҳияи муқаррароти консептуалии истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртибототии нав бо мақсали баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ дар низомҳои иқтисодӣ.

2.10. Рушди методҳои афзории (инструменталии) таҳлили механизмҳои фаъолияти бозорҳои молӣ ва хизматрасонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди глобалӣ ва савдои озод.

*б) аз рӯи ихтисоси 08.00.05* – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт):

1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ. Нақш ва мавқеи хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

2. Самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

4. Омилҳои таъсиррасон ба ҷойгиршавӣ ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

5. Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

13. Таъмини сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

14. Идоракунии сифати хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

16. Таҳкими иқтидори иқтисодию иҷтимоии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 17. Таъминоти зеҳнӣ ва кадрии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мустақиман иштирок намудан дар масъалагузориҳои илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои онҳо, гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ, шахсан навиштан ва ба нашр расонидани натиҷаҳо ва муҳтавои асосии диссертатсия ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ягонагии дохилӣ ва робитаҳои байниҳамдигарии худ дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалию компютерӣ, ки фарогири равишҳои иқтисодии идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ мебошанд, метавонанд дар рушди назария ва амалияи илми иқтисодиёт васеъ истифода шаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Баррасӣ, муҳокима, санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли рӯнамоӣ ва маърӯзаҳои илмӣ дар семинарҳои кафедраҳои технологияҳо ва системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ), информатика ва системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ), системаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ) ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2004-2021) иҷро шуда, дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ, ки солҳои 2005-2022 дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Бохтар, Хӯҷанд (Ҷумҳурии Тоҷикистон), Занҷон (Ҷумҳурии Исломии Эрон), Санкт-Петербург, Москва, Калининград (Федаратсияи Руссия), Боку (Ҷумҳурии Озарбойҷон), Ереван (Ҷумҳурии Арманистон) ва Тошканд (Ҷумҳурии Ӯзбекистон), дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи

Руссия баргузор гардиданд, ба тасвиб расида, дар мавзуҳои зерин аз чоп баромадаанд: «Рушди шаклҳо ва афзорҳои идоракунии низоми хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар марҳилаи рақамикунонии ҷомеа. - Конференсияи илмӣ-амалӣ: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – 2022, дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюлҳои он»., Душанбе – 2022., С. 80 – 85», «Ҳисобкунии самаранокии иқтисодӣ аз татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таълимии мактаби олӣ. - Паёми молия ва иқтисод (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), УДК 616.002, ISSN 2663-0389., № 1 (30) – 2022 с. Душанбе ДДМИТ, С. 80-90.», «Истифодаи амалӣ ва методологияи идоракунии умумии сифат (TQM) дар густариши сифати хизматрасониҳоитаълимии мактаби олӣ. - Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ), ISSN: 2663-6417, № 1. – 1 (95). – 2022 с. – Бохтар ДДБ - С. 148 – 152.», «Арзёбии назариявии сифати таҳсилот ва омилҳои таъсиррасон дар соҳаи хизматрасониҳои таълимии электронӣ. - Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Самтҳои муосири татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар рақамикунонии таҳсилот, илм ва истехсолоти саноатӣ». – 2021 с. Донишкадаи сайёҳӣ соҳибкорӣ ва хизмат, Душанбе – С. 58-64.», «Арзёбии сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён бо усулҳои муосири тестгузаронӣ ҳамчун шакли хизматрасониҳои таълимӣ. - Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), ISSN 2308054-X, № 4/2 (39)/2021с. Душанбе ДДТТ, С. 291 – 300», «Истифодаи методологияи идоракунии умумии сифат (TQM) дар густариши сифати хизматрасониҳоитаълимии мактаби олӣ. - Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ), ISSN: 2663-5534, №1 / 4 (92) – 2021с. – Бохтар ДДБ, С.104 – 115.», «Хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, омилҳо ва равандҳои асосӣ. - Паёми молия ва иқтисод (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), ISSN 2663-0389, №1 (25), – 2021с. Душанбе ДДМИТ, С.49-57.», « Сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, категория, унсурҳо, пирамидаи сифат. - Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), ISSN 2308054-X, №1 (35)/2021с. Душанбе ДДТТ, С.248-258.», «Амсилаи консептуалии системаи иттилоотии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ. - Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ), ISSN 2413-5151, 2021/ №3, Душанбе, 2021, с.127 - 135.», «Алгоритмҳои амалисозии марҳилаҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар мактаби олӣ. - Паёми Политехнкӣ (Бахши Интелект, Инноватсия, Инвеститсия), ISSN 2520-2235, №2 (54) 2021с. – Душанбе, Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон, С. 48-60.», «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва

70-солагии д.и.п., профессор А.Э. Сатторов (Бохтар, ДДБ, 2020), конференсияи илмӣ-назариявӣ «Нақши ҷавонон дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба «Соли ҷавонон» ва 25-солагии иҷлосияи XVI Шӯрои олӣ (Ваҳдат, КОВ, 2017), конференсияи илмӣ-назариявӣ «Накши ҷавонон дар рушди кишвари саноатию аграрӣ» бахшида ба «Соли ҷавонон» ва «20-солагии Ваҳдати миллӣ» (Ваҳдат, КОВ, 2017), конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида «700-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва 10-солаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» (2005-2015) (Душанбе, ДМТ, 2015), конференсияи ҷумҳуриявӣ «Проблемаҳои муосири математикаи амалӣ ва информатика» бахшида ба 70-солагии профессор Б. Алиев (Душанбе, ДМТ, 2014), конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ «Рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, ДСХ, 2013), конференсияи IX байналмилалии «Таҳлили компютерии проблемаҳои илм ва технология» бахшида ба 65-солагии ДМТ (Душанбе, ДМТ, 2013), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Проблемаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ» (Душанбе, ДСХ, 2013), конференсияи байналмилалии «Проблемаҳои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони молиявии ҷаҳонӣ» (Душанбе, ДСХ, 2010), International Conference IICM2009 «New educational tecnologies – ground for advance teaching» (Iran, Zanjan, 2009), конференсияи VIII илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Ҷавонон ва ҷаҳони андеша» бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб (Кӯлоб, ДДК, 2006), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Амсиласозии математикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ» (Душанбе, ДСХ, 2005) ва ғайра.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Теъдоди умумии интишороти довталаб 167 номгӯйро ташкил медиҳад. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 61 мақолаи илмӣ ва интишороти гуногун [1-М–61-М], аз ҷумла 12-адад монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳо ва дастурҳои таълимию методӣ, 32-адад мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 19-адад дар маҷаллаҳои такризшавандаи Тоҷикистон (7-адад дар алоҳидагӣ) ба нашр расонида шуда, боқимондаро мақолаҳои дар нашрияҳои шомили пойгоҳи eLIBRARY.ru, маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ аз рӯи мавзуи диссертатсия ба 22,5 ҷузъи чопӣ баробар аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори таҳқиқотӣ аз муқаддима, панҷ боб, натиҷаҳои мухтасари бобҳои диссертатсия, хулосаҳои умумӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия дар 380 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, дорои 10 ҷадвал ва 35 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 424 номгӯй иборат аст: феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда 363 номгӯй, феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ 61 номгӯй.

1. **Хулосаи умумии ҷаласаи кафедра.** Диссертатсияи доктории номзади иилмҳои иқтисоди, дотсент Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи

татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад ва ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи бандҳои шиносномаи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) омода гардидааст ва пурра мувофиқат мекунад.

## ҚАРОРИ ҶАЛАСА

1. Диссертатсияи доктории Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад ва ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи бандҳои шиносномаи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) омода гардидааст.

2. Матни диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилонаи илмию тахассусӣ ва соҳавӣ иборат буда, маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии от тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

3. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментлӣ, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд, хеле созгор мебошад.

4. Ҳадафи таҳқиқот аз такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи маориф ва пешниҳодоти тавсияҳои мушаххас оид ба асосноккунии самтҳои асосии беҳдошти сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ иборат мебошад, ки онҳоро дар амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) босамар истифода бурдан мумкин аст.

5. Диссертатсияи доктории З.Ф. Раҳмонзода дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраҳои «Система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт», «Информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт», «Иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ» ва «Иқтисоди рақамӣ ва логистика»-и ДДМИТ аз 7 апрели соли 2023, протоколи № 04/1 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа,**
н.и.и., дотсент, муовини
ректори ДДМИТ оид ба илм — Б.Г. Сафаров

**Котиби ҷаласа,**
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи системаҳо ва
технологияи иттилоотӣ
дар иқтисодиёти ДДМИТ — М.Н. Нусратзода

Имзоҳои Сафаров Б. Г. ва Нусратзода М.Н.
ро тасдиқ менамоям:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ н.и.ҳ. — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:**
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
к. Нахимов 64/14, ДДМИТ
Тел: +992(37) 2310201
E-mail:info@ddmit.tj